**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Далатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзӯи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D.02.06.00 – диншиносӣ**

Таҳқиқоти Далатзода Аҳмад Ширинхуҷа ба омӯзишу баррасии яке аз мавзӯҳои муҳими диншиносӣ бахшида шудааст. Муҳимияти мавзӯи таҳқиқотӣ дар он ифода меёбад, ки муаллиф хатари гурӯҳҳои ифротӣ ба фарҳанги миллиро ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ омӯхта, амал кардани онҳоро зери шиорҳои гуногуни динӣ-мазҳабӣ ба таври назариявию амалӣ байни ҷомеа, бахусус ҷавонон ва таёр намудани онҳо зидди арзишҳои миллӣ ва сиёсати давлатӣ омӯхтааст. Ҳамчунин муаллиф таъсири манфии ифротгарои динро на танҳо ба амнияти миллӣ, балки ба арзишҳои фарҳангӣ низ нишон дода, омилҳои заиф шудани худшиносии миллӣ ва зидди арзишҳои фарҳангӣ баромад кардани онҳоро ошкор сохтааст. Муҳимтар аз ҳама хатари ифротгароии динӣ ба инкишофу пешрафти ҷомеа, илму техника ва арзишҳои фарҳанги башарӣ нишон дода шудааст. Воқеаҳои ҷаҳони ислом ва кишварҳои мусулмонӣ ба равандҳои геопалитикии замони муосир омезишёфта буда, барои доман паҳн кардани ин падида заминаҳои муосидро метавонад таъмин намояд ва он минбаъд боиси паҳн гардидани ғояҳои ифротгароӣ шавад. Чунин тамоюлот дар заминаи истифодаи шабакаи интернет низ метавон бо хавфу хатари паҳншавии он бештар мушоҳида намуд. Дар шароити имрӯза таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни ин масъала, пеш аз ҳама, муайян кардани моҳият, хусусият, сарчашмаҳои пайдоиш ва роҳу усулҳои фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои динӣ-ифротӣ муҳим ба шумор рафта, барои пешгирии оқибатҳои ногувори ин падидаҳои номатлуб мусоидат менамояд.

Муаллиф таъсири манфии ифротгароии динро ба таври умумӣ дар низоми арзишҳои фарҳангӣ, худшиносии миллӣ, сохторҳои иҷтимоӣ, ошкор

кардани фаъолияти хатарзою печидаи ин равияҳоро таҳлил намуда, муҳимияти мавзӯи мазкуро аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва дар доираи баргузории конфронсу симпозиумҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байнамиллалӣ нишон додааст. Ҳамчунин хатари ифротгароии динро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, дар доираи мафҳумҳои «ифротгароӣ», «ифротгароии динӣ», «тундгароӣ», «бунёдгароӣ», «терроризм», омилҳои пайдоиш ва рушди он, хатару таҳдидҳои он байни давлатҳои рӯ ба инкишоф ва абарқудратҳо, роҳҳои пешгирии он, хатари он ба шуури ҷавонон ва ғайра дар асоси методҳои умумиилмӣ: таҳлил, таҷзия, таҷрид, хулосабарорӣ ба таври назариявӣ ва амалӣ таҳқиқ кардааст.

Дар боби якуми диссертатсия муаллиф ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологии истилоҳ, моҳият ва сабабу омилҳои пайдоиши ифротгароии динӣ дар заминаи адабиёти илмӣ машғул шуда, заминаҳои ба вуҷуд омадани ин тамоюл нишон дода шудааст. Дар ин қисми таҳқиқот таъсиру густариш ёфтани равияҳои динӣ-ифротӣ дар Осиёи Миёна ва авҷ гирифтани гурӯҳҳои дигари террористӣ монанди ДОИШ, Ансоруллоҳ, Ҳизбуттаҳрир, Салафия ва ғайра низ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин муносибати дину фарҳанг аз назари равияҳои динӣ-ифротӣ ва хусусиятҳои иртиҷоии онҳо арзёбӣ гардида, хатари онҳо ба маънавиёту фарҳанги миллӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Хусусияти манфию иртиҷоии ин созмонҳо дар он ифода меёбад, ки аз мафҳумҳои сохтаву бофтаи динӣ чун: салафия, қуръония, яктопарастон, харидорони биҳишт ва ғайраро баҳри ба даст овардани манфиатҳои худ истифода намуда, ҷомеаро аз омӯзиши илмҳои дунявӣ боз медоранд, ҳатто низоми дунявиятро куфру бидъат ҳисобида, ҷиҳодро баҳри аз байнбарии онҳо барои худ кори аввалиндараҷа меҳисобанд.

Боби дуюми таҳқиқот, ки зери унвони “Хатари равияҳои динӣ – ифротӣ ба фарзанги миллӣ” номгузорӣ шудааст, дар доираи се зербоби он хатари равияҳои ифротӣ ба фарҳанги миллӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ

қарор дода шудааст. Дар ин қисмат ҳадафи равияҳои ифротӣ доир ба аз байнбарии фарҳангҳои миллӣ ва ғайриисломӣ ё худ миллӣ дар мадди аввал қарор гирифта, манфиатҳои давлатҳои манфитхоҳ (ИМА, Англия, Арабистони Саудӣ, Қатар, Покистон ва Аврупо) арзиёбӣ гардидааст.

Аз ҷониби дигар шаклҳои таъсиррасонии ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ ва сиёсишавии дин ҳамчун омили пайдо гардидани ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористиро бо далелҳои раднопазир нишон додааст. Роҳҳои пешгирикунии хатари равияҳои динӣ-ифротгароиро ба фарҳанги миллӣ муаллиф дар қарор доштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари пешсаф ва мубориз дар муқобили терроризму экстремизми динӣ дар қабули як қатор барномаву стратегияҳои давлатӣ ва баланд бардоштани сатҳи маънавиётӣ ҷомеа донистааст. Муаллиф дар автореферати худ доираи васеи адабиёти илмии ба мавзӯъ дахлдоштаро истифода намуда, масъалаҳои дар боло номбаргардидаро баҳои воқеӣ додааст.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи масъалаи мазкур заминаи илмию назариявӣ буда, барои муайян намудани моҳияти асосии ифротгароии динӣ метавонад истифода шавад. Тавсияҳои амалии муаллиф ва хулосаҳои диссертатсия дар фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ дар самти мубориза бар зидди радикализатсияи динӣ ва сиёсишавии дин метавонанд истифода баранд.

Таҳқиқоти мазкур кори илмии анҷомёфта мебошад ва он тибқи талаботи муқарраргардида анҷом дода шудааст. Муаллиф ҳангоми омӯзиши мавзӯи диссертатсия доираи васеи адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо равандҳои сиёсии ҷомеа, моҳият ва хусусият, сабабҳои пайдоиши сиёсишавии динро мавриди омӯзиш қарор додааст ва барои пешгирии ин падида тавсияҳои заруриро низ пешниҳод намудааст.

Дар баробари ин дар автореферат баъзан хатогиҳои имлоиву техникӣ ва мазмуми во мехӯранд. Аммо онҳо ба мазмуни аслии автореферат таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд.

Ҳамин тариқ, кори илмии Далатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзӯи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» ба омӯзиши яке аз мавзӯъҳои мубрами замони муосир бахшида шуда, таҳқиқоти мукаммал ва анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Сохтори таҳқиқот ва муҳтавои асосии он ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 31-33 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти муҳтавои асосии автореферат ва аз рӯи интишороти муаллифи он гуфтан мумкин аст, ки Далатзода Аҳмад Ширинхуҷа ҷиҳати дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D.02.06.00 – диншиносӣ сазовор мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои фалсафа,
муаллими калони кафедраи диншиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қаландарзода М.И.

Имзои Қаландарзода М.И.-ро
тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

14-06-23